Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-062- назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Турзунзода, 30, E-mail: rajabova@rambler.ru, www.rtsu.tj)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

Тиҷоратикунонии навовариҳодар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ ба унвони яке аз муҳимтарин бахшҳои ташкилдиҳандаи иқтидори иҷтимоию иқтисодии кишвар, баромад мекунад.Таъмини механизми самараноки тиҷорати навоварӣ ва татбиқи ҳадафҳои расидан ба рушди инноватсионӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт яке аз самтҳои афзалиятноки рӯй овардан ба рушди босубот шуморида мешавад. Вобаста ба ин яке аз муаммоҳои муҳим дар шароити феълӣ ташаккул додани сохтори механизми тиҷоратикунонии навоварӣ ба ҳисоб меравад, ки тавонад раванди муътадили пешбурди фаъолияти навҷорисозиро таъмин намояд.

Муаллиф дар автореферати худ иброз медорад, ки заминаҳои асосии рушди механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври густурда мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Тоҷикистон кишвар ру ба инкишоф мебошад, ки нишондиҳандаҳои макроиқтисодии он сол ба сол ру ба афзоиш мебошанд. Чунончӣ, соли 2023 суръати рушд 8,3%-ро ташкил намудааст. ММД бошад ба 130 млрд.сомонӣ расонида шудааст. Дар ин замина нақши суръат гирифтани равандҳои инноватсионӣ, бавижа, тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмию тадқиқотӣ, сармоягузориҳо ба фановариҳои ҷадид ва истифодаи бесобиқа аз навовраиҳои кушод низ қобили мулоҳиза мебошанд, (саҳ.13).

Муаллиф бо истифода аз факту даалелҳои илмӣ ва маълумотҳои оморӣ таҳлилҳо гузаронида, собит сохта аст, ки солҳои охир дар ҳудуди мамлакат ҳаҷми сармоя нисбат ба солҳои пешин 3,5 маротиба зиёд гардида, дар соли 2023 шумораи корхонаҳои саноатӣ 3453 ададро ташкил дод, ки ин нисбати соли 2013 47,76% ё худ 1649 адад зиёд мебошад, ки шаҳодати рушди бемайлони иқтидори саноатӣ дар таркиби иқтисодиёти миллӣ мебошад, (саҳ.14).

Таҳқиқотҳои муаллиф нишон дод, ки дар айни ҳол дар назарияи муосири иқтисодӣ ва таҷриба ягонагӣ дар фаҳмиши моҳият ва сохтори тиҷоратикунонии навовариҳо вуҷуд надорад ва гоҳо онҳоро бо ҳам шабеҳ медонанд ё баръакс аз якдигар фарқ мегузоранд, ки ин ҳама садди роҳи такмили системаи идоракунии раванди инноватсионӣ дар минтақа мегардад.

Маҳз ҳамин масъала муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии интихобкардаи диссертантро ташкил дод. Муаллиф ба ҳадафҳои таҳқиқоти илмӣ ноил шуда ва вазифаҳои онро иҷро намудааст.

Муҳаққиқ ҳангоми навиштан ва таҳияи автореферати рисолаи илмӣ аз усулҳои маъмули корҳои илми таҳқиқотӣ ба монанди усули абстрактӣ-мантиқӣ, динамикӣ, танқидӣ, таҳлили муқоисавӣ, индуксия, дедуксия, ҳамзамон усулҳои оморӣ ва иқтисодӣ-риёзии таҳлил ва шарҳи графикӣ дар диссертатсия истифода кардааст.

Дар раванди шиносои бо автореферати кори диссертатсионӣ маълум гардид, ки муаллиф хеле моҳирона аз адабиёти илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ кор карда, мустақилона далелҳои омориро ба мақсади таҳқиқ ҷамъ оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

Дар қатори дастовардҳо, дар автореферат баъзе аз камбудиҳои на он қадар ҷиддӣ низ ба мушоҳида мерасанд.

1. Навоварии илмӣ бештар ба сатҳи тавсифӣ маҳдуд буда, ҷиҳатҳои инноватсионии воқеии он ба механизми пешниҳодшуда кам инъикос ёфтааст.

Камбудии қайд гардида моҳияти илмӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва эътибори онро паст намекунанд.

Автореферат ва мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф имкон медиҳад то чунин хулоса барорем, ки кори диссертатсионӣ асари муккамали илмию таҳқиқотӣ мебошад.

Мазмуни автореферат имкон медиҳад то чунин хулоса барорем, ки кори диссертатсионии пешкашгардида ба талаботи нисбат ба таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшаванда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ, тамоми бандҳои муқарраршуда оид ба додани дараҷаи илмие, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 26 тасдиқ шудаст, ҷавобгӯ буда, ба Маҳмадалиев Насриддин Каримович  дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D051701- Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
Директори Институти иқтисодиёт ва
демографияи АМИТ, д.и.и. Бобозода К.О.

Имзои О.К. Бобозодаро -ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои
ИИД АМИТ Махсудшоева З.Д.

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо, 6А
Телефон/Fax: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65 Fax: +992 (37) 221-67-50
Суроғаи электронӣ: info@ied.tj

5 11 соли 2025